# ТАҚРИЗ

ба автореферати Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан се зоти асосии чорвои гӯштӣ, аз ҷумла зоти қазоқии сарсафед, зоти абердин-ангусс ва зоти қалмиқӣ парвариш карда мешаванд. Дар натиҷаи дурага намудани чунин зотҳо ба якдигар ва дигар зотҳои чорво, дурагаҳои онҳо низ мавриди истифода қарор доранд ва табиист, ки парвариши чунин зотҳои мазкур дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба роҳ монда шудаанд.

Аз тарафи унвонҷӯй Сафарзода Зайнудин кори илмӣ оид ба истифодаи буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ ва буққаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ҷиҳати гирифтани дурагаҳо, афзоиш ва рушди онҳо, нишондиҳандаҳои физиологӣ, химиявӣ, гематологӣ, параметрҳои генетикӣ, сифати гӯшт ва равғани дохилӣ бори аввал муфассал омӯхта шудааст.

Мақсади тадқиқоти илмии муаллиф ин истифодаи дурагакунии чорвои зоти қазоқии сарсафед бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ва парвариши насли гирифташуда барои зиёд намудани истеҳсоли гӯшт буда ба мақсади ниҳои расида дар натиҷа чунин тавсияҳо ба истеҳсолот додааст:

Бо мақсади баланд бардоштани сифати гӯшт ва таъмин намудани бозори дохилӣ бо гӯшти хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, минбаъд низ дурагакунонии чорвои маҳаллӣ бо зотҳои махсусгардонидашудаи гӯштӣ давом дода шавад.

Зиёд намудани саршумори чорвои дурагакардашуда дар хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи самти чорвои гӯштӣ ва минтақаи парвариши чорвои зиёд гардонида шавад.

Автореферат бо услуби илмӣ навишта шуда, мақсад, вазифаҳо, навгониҳо ва хулосаҳо бо ҳам мутобиқ мебошанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба натиҷаҳои тадқиқот мувофиқ мебошад.

Аз ин лиҳоз кори илмии Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
д.и.б., профессори кафедраи физиологияи
одам ва ҳайвон ба номи академик Сафаров Ҳ.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Каримзода Акобир Иззатулло

Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734025
кучаи БуниҲисорак,
шаҳраки донишҷӯён,
бинои 16, факултети биология ДМТ,
тел: +992 919 41 64 72
E mail: karimzoda.akobir@mail.ru

Имзои профессор Каримзода А.И. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Эмомалӣ Шодихон

13. 06.2026 г.